Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗ

**ба автереферати диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи «Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Таъмини тақсимоти самараноки хароҷоти давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки самаранокии низоми идоракунии молияи кишвар мебошад. Дар низоми механизмҳои ҳалли ин масъала буҷетикунонии барномавӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, ки айни замон намунаи барҷастаи тақсимоти оқилона ва дурусти маблағҳои буҷетӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад.Буҷетикунонии барномавӣ методологияи банақшагирӣ, иҷро ва назоратро аз рӯи иҷроиши буҷет, ки таъмини робитаро миёни раванди тақсимоти хароҷоти давлатӣ ва натиҷаҳои татбиқи барномаҳои дар асоси ҳадафҳои стратегӣ таҳияшуда, бо назардошти афзалиятҳои сиёсати давлат, аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои пешбинишаванда ва ниҳоии истифодаи маблағҳои буҷетӣ мебошад ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати фаъолонаи ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки дар миёни онҳо такмили таҷрибаи банақшагирии буҷетӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда мешавад, ки яке аз мушкилоти мубрами рушди низоми идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «пешрафти нокифоя дар самти гузариш аз принсипи маблағгузории нақшавӣ... ба маблағгузории барномавии мақсаднок, ки ба натиҷаҳо нигаронида шудааст» мебошад. Дар робита ба ин, дар стратегияи мазкур дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ, рушди низоми буҷетикунонии барномавӣ ҳамчун самти стратегӣ муайян карда шудааст.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки зарурати истифода аз ин таҷриба аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид шудааст. Ҳамин тариқ, дар Паёми худ ба

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 таъкид гардидааст, ки: «бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ барои тақсимоти мақсаднок ва истифодаи онҳо, зарурати пурзӯр намудани корҳо оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавӣ ба миён меояд». Ҳамчунин, Пешвои миллат зимни суханронии худ дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкии кишвар қайд намуданд, ки «фаъолияти сохтору мақомоти дахлдор дар ин самт то ҳол ғайриқаноатбахш боқӣ монда, таҷрибаи ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ дар як қатор вазорату идораҳо ва пеш аз ҳама дар Вазорати молия чораҳои иловагиро тақозо менамояд».

Дар баробари ин, муҳиммияти махсусро масоили низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, аз ҷумла, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани вижагиҳои низоми буҷетӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир касб менамоянд. Масоили мазкур дар шароити таҷрибаи ватанӣ аҳамияти махсусро бо назардошти татбиқи стратегияву барномаҳои қабулгардида ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ касб намуда истодааст.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мазуи «Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, хеле актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷолиби диққат, он мебошад, ки муаллиф татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир дар раванди банақшагирӣ ва лоиҳасозии буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди корхонаҳои саноатӣ, яке аз роҳҳои таъмини оқилона ва самаранок истифода гардидани маблағҳои буҷетиро дар асоси равиши ба натиҷа нигаронидашуда меҳисобад (саҳ. 15).

Муаллиф хеле хуб қайд намудааст, ки ташаккули фазои мусоиди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди бахши саноат дар сурати мақсаднок ва сарфаҷӯёна истифода гардидан дар асоси принсипҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманди ба натиҷа нигаронидашуда натиҷаи назаррасро медиҳад (саҳ.21).

Муаллиф дар автореферти диссератсия иброз медорад, ки барои баҳогузории дурусти нишондиҳандаҳои фаъолияти сармоягузорӣ таҳлили ҳолати тавсифии он ба инобат гирифта мешавад, ки унсурҳои сифативу миқдориро фаро мегирад ва ҷаззобияти сармоягузорӣ ва муҳити он фарогири объектҳои гуногуни фаъолияти сармоягузорӣ мегардад (саҳ. 31).

Муаллиф дар автереферат дуруст қайд менамояд, ки ки такомули низоми барномавиву ҳадафманди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ташаккули механизми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар шароити иқтисодиёти рақамиро талаб мекунад, ки он бояд бо шартҳои ба шароитҳои муосир аз ҷумла татбиқи равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт, ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо муосидат карда, авомили муосири ин ҷанбаҳоро фаро гирифта тавонад (саҳ. 36).

Дар баробари ин, автореферати диссертатсия аз баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо орӣ нест. Дар миёни онҳо, метавон ба норасогиҳо ва камбудиҳои зерин ишора намуд:

1.Муаллиф дар Расми 1, саҳифаи 16 автореферат афзалиятҳои рушди системаи буҷетикунонӣ дар пояи буҷетикунонии барномавию ҳадафмандро овардааст. Вале дар он омили рақамикунонӣ оварда нашудааст, ҳоло он, ки муаллиф дар навгонии 6-ми худ, дар саҳифаи 9 автореферат иброз медорад, ки татбиқи амалии воситаҳои рақамии муосир метавонад дар таъмини сарфи маблағҳои буҷетӣ таъсири мусбат расонанд.

Эроди гирифташуда хусусияти машваратӣ дорад ва ҷой доштани онҳо дар диссертатсия арзиши илмию амалии таҳқиқотро кам намекунанд. Бинобар ин, кори диссертатсионии Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи «Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат» таҳқиқоти комилан баанҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва методӣ-амалӣ иҷрошуда диниста шуда, ба ҳамаи талаботи санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла б. 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ мебошад. Чунин меҳисобем, ки муаллифи таҳқиқот сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Мукарриз:**
**дотсенти кафедраи Молия ва қарзи**
**Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон**
**ва Россия** **Миразизов А.Ҳ.**

**Имзои Миразизов А.Ҳ. - ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Рахимов А.А.**

**07.05.2025**

**(Суроға: 734025, ш. Душанбе, кучаи М. Турсунзода, 30, Тел: (+992) 907-76-71-20, E-mail: mirazizovabdullo@rambler.ru)**